**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**Бо суроғаи 734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14.**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Мубрам будани мавзуи таҳқиқшаванда дар он таҷассум меёбад, ки муносибатҳои андозӣ ҳамчун объекти идоракунӣ дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ шакли идоракунии низоми андозбандиро мегиранд. Ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаи Хатлон дорои вижагиҳои хоси минтақавӣ буда, бо иқтидори захиравӣ ва маъмурии ҳар як зерсохтори худ ва мутаносибан принсипҳои идоракунӣ иқтисодиёти минтақавиро ташкил медиҳад ва ҳамчун шароити рушди иқтисоди миллӣ баромад мекунад. Ҳамаи ин, зарурате ба миён меорад, ки функсияҳои идоракунии сатҳи минтақавӣ барои ояндабинӣ, банақшагирӣ, назорат ва таҳлили иқтидори андоз бояд мавриди таҳлил қарор дода шавад. Вобаста ба иқтидори ҷойдошта таҳқиқ ва омӯзиши таркиби воридоти андоз аҳамияти калони идоравӣ дорад.

Бояд қайд намуд, ки иқтидори андози минтақа қисми таркибии иқтидори молиявии минтақа ба шумор рафта, ҳамчун категорияи иқтисодӣ заминаи ташаккул додани қисми даромади буҷети минтақаро ташкил медиҳад. Бинобар ин, иқтидори андоз дар таъмини буҷети минтақа як воситаи муҳим ба ҳисоб рафта, ҳамчун категорияи муҳими иқтисодию иҷтимоӣ баромад мекунад.

Дар автореферат дарҷ мегардад, ки иқтидори андози минтақа ҳамчун категорияи махсуси иқтисодӣ баромад намуда, он ифодакунандаи дараҷаи устувории молиявии минтақа ба шумор меравад ва дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ҳамчун фишанги идоракунӣ баромад мекунад.

Муаллиф барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда, ҳалли вазифаҳои зиёдеро аз қабили муайян намудани масъалаҳои назариявию методии ташаккули иқтидори андозӣ, асосноксозии фароияндҳои таҳлил ва механимҳои мудирияти иқтидори андозии манотиқи Хатлон, усулҳои ҳисоби иқтидори андоз ва арзёбии муқоисаи онҳо, арзёбии вазъи ташаккули иқтидори андоз дар минтақаи Хатлон, таҳлили коррелатсионӣ ва регрессионии баҳогузории иқтидори андози манотиқи Хатлон, таҳия ва ироаи механизми шаклгирии

иқтидори андозии манотиқ ва ироаи тавсияҳо дар бораи шаклгирии иқтидори воқеии андози манотиқро дар назди худ гузоштааст.

Дар автореферат дуруст қайд гардидааст, ки ки вилояти Хатлон дорои иқтидори пурқуввати саноатӣ буда, дар байни дигар минтақаҳо аз ҳисоби ташаккул додани иқтидори андозӣ мавқеи хосаро ишғол кардааааст. Як ҳиссаи назарраси маҳсулоти умумии саноати кишвар ва даромади умуми андозии ҷумҳуриро минтақаи Хатлон ташкил медиҳад.

Ҳосил намудани қимати нисбатан дурусти иқтидори андозии минтақа тавассути банақшагирии манбаи андозбандӣ муфидтар ба ҳисоб меравад, чунки дар он омилҳои маҷмуӣ ба назар гирифта мешаванд. Ҳамин тариқ, дар асоси нишондиҳандаҳои таркибӣ, иқтидори андози минтақаи Хатлон бо истифода аз усули воқеӣ ҳисоб карда шудааст, ки инро муаллиф дар расми 1 нишон додааст.

Муаллиф дар автореферат қайд намудааст, ки масъалаи тағйирёбии иқтидори андоз, аз ҳисоби муайян кардани таъсири омилҳои дохилӣ дар ин ё он самти фаъолият ва танзими давлатии он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон зарур мебошад.

Дар баробари нуктаҳои муҳими автореферат, дар кори илмии мазкур баъзе камбудиҳо дида мешавад, аз ҷумла:

1. Бояд мавқеи муаллиф доир ба истифодаи таҷрибаи хориҷии иқтидори андозӣ ва таҷрибаи минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ доир ба ин масъала ба таври васеъ ва возеҳ шарҳу тавзеҳ дода мешуданд;

2. Назароти муаллиф дар бораи дарёфти роҳҳо ҷиҳати васеънамоии иқтидори андозии минтақаи таҳлилшаванда бояд амиқтар инъикос дода мешуданд.

Вале, новобаста аз ин автореферати рисолаи номзадӣ, тахлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок мебошанд. Бинобар ин чунин хулоса намудан мумкин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин, натиҷаи ба дастовардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии идоракунии дороиҳои бонкиро дар шароити муосир ифода менамояд.

Умуман, автореферати диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми

июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**профессори кафедраи молия ва қарзи**
**Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон** **Султонов З.С**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш.Душанбе
кӯчаи М.Турсунзода, 30 Тел: (+992 37) 221-35-50.
Тел./Факс: (+992 37) 221-05-70; 227-77-53.
Почтаи электронӣ: sultan@mail.ru

Имзои **Султонов З.С-ро** тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДСРТ Раҳимов А.А.